# Расули Аллоҳ (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) ин дуоро зиёд мегуфтанд: "Ё Муқаллибал-қулуб, саббит қалбӣ ъало диника

Аз Анас (разияллоҳу анҳу) ривоят аст, ки гуфт: Расули Аллоҳ (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) ин дуоро зиёд мегуфтанд: "Ё Муқаллибал-қулуб, саббит қалбӣ ъало диника". Тарҷума: "Эй дигаргункунандаи дилҳо, диламро бар динат устувор бигардон." Гуфтам: Эй Расули Худо, мо ба шумо ва он чиро, ки овардаед, имон овардем, оё боз ҳам барои мо тарс доред? Фармуданд: "Бале, зеро дилҳо миёни ду ангуште аз ангуштони Аллоҳ ҳастанд, ки онро ҳар тавре хоҳад, мегардонад."
[Саҳеҳ] [رواه الترمذي وأحمد]

Бисёре аз дуоҳои Паёмбари Худо (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) дархости устувор мондан бар дин ва тоат ва паноҳ бурдан аз каҷравӣ ва гумроҳӣ буд. Анас ибни Молик (разияллоҳу анҳу) аз ин ки Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) ин дуоро зиёд мегуфт, тааҷҷуб кард. Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) ӯро фаҳмонд, ки дилҳо байни ду ангушт аз ангуштони Худованд ҳастанд ва Худованд онҳоро ҳар тавре ки хоҳад, мегардонад. Дил маркази имон ва куфр аст, онро ба ин хотир “қалб” мегӯянд, ки бисёр тақаллубёбанда ва тағйирёбанда аст, ҳатто бештар аз ҷӯшиши дег вақте ки сахт меҷӯшад. Худованд ҳар киро хоҳад, дилашро бар ҳидоят ва дин устувор ва пойдор медорад ва ҳар киро хоҳад, дилашро аз ҳидоят ба сӯи каҷравӣ ва гумроҳӣ мегардонад.



النجاة الخيرية
ALNAJAT CHARITY
لجنة الدعوة الإلكترونية
EDC E-Da'wah Committee